# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Начибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосоии хонандагон бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барон дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300-педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

Дисертатсияи кори тадқиқоти илмӣ мукаммал буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст. Кор ба дастовардҳои илми педагогикаи муосир дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ омода шудааст.

Дисертатсия асари аз ҷиҳати илмӣ ихтисоснок буда, ҳалли як масъалаи муҳимро дарбар гирифта, барои илм ва амалияи педагогӣ аҳамияти калон дорад.

Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқот иборатанд аз: консепсияҳои педагогии ташаккули салоҳияти асосии хонандагон ва муносибати босалоҳият ба таълим; Принсипи равишҳои методологӣ

Муаллиф системаи ташаккули салоҳиятнокии хонандагонро таҳия, асоснок ва татбиқ кардааст. Натиҷаҳои назариявии омузиш ва муқаррароти методӣ барои хонандагоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд саривақтӣ ва бисёр муҳим мебошад.

Як ҷанбаи муҳими ин диссертатсияро бояд қайд кард, ки дар он раванди пурзӯр намудани иттилоотонии ҷомеа, ҷорӣ намудани системаҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки барои соҳибкасб шудан дар фаъолияти минбаъда талаботи зиёд ба миён мегузорад, мавриди тадқиқ қарор дода шуда, тибқи он бозори озоди меҳнат ба мутахасисони босалоҳият ва истифодабарандагони технологияи иттилоотӣ ниёз дорад. Ин аз хонандагон тақозо менамояд, ки дар фаъолияти оянда ҳамчун мутахассис технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ-ро (ТИК) истифода бурда тавонанд ва барои рушд додани салоҳиятҳои камуникативии худ пайваста талош намояд.

Диссертант дар кори худ нуктаҳои зеринро овардааст, ки қайди онҳо бамаврид аст.

- дар шароити имрӯза салоҳияти касбӣ ба сифати омили воқеии рақобатпазирӣ баромад менамояд. Рақобатпазирӣ, қобилияти касбӣ,

салоҳияти касбӣ  - сатҳи баланди доштани ин ё он фаъолият, низоми донишҳо, қобилият ва маҳорат, ташаккули ҷаҳонбинии дохилии шахсият: талаботҳо, муқаррарот, ангезаҳои фаъолият, тасаввурот оид ба худ ба ҳисоб меравад. Ташаккул ва инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокӣ аз хусусиятҳои ҳавасмандӣ ва шахсиятии хонанда; ташхис ва таҳлили донишҳо, маҳорат, қобилият ва инчунин талаботҳову имконияти хонанда; мавриди истифода қарор додани корҳои мустақилона, корҳои лоиҳавӣ, шароити педагогӣ бо таъсири муҳити таълимӣ вобаста аст. Илова бар ин, салоҳият ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар доираи раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ, балки зери таъсири арзишҳои оилавӣ, доираи муносибатҳои рафиқона, унсурҳои динӣ ва арзишу анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул меёбанд;

- дар тарҳи раванди ташаккули салоҳияти хонандагон принсипҳои дидактикӣ муҳим мебошанд, зеро маҳз онҳо дар муайян намудани мазмуну мундариҷаи таълим, дар интихоби метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд. Имкониятҳои асосии дидактикии технологияҳои компютерӣ ба ҷанбаҳои зерин ворид карда мешаванд: амалисозии муколамаи интерактивӣ, иттилооти визуалии таълимӣ, моделсозии равандҳо ва зуҳуроти воқеӣ ё виртуалӣ, нигоҳдории миқдори зиёди иттилоот дар формати рақамӣ,  автоматикунонии ҷараёни фаъолияти ҳисоббарорӣ, автоматикунонии идоракунии фаъолияти таълимӣ. Дар ташаккули салоҳият ва салоҳитянокии хонандагон шартҳои муайяни дидактикӣ, ба монанди ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ; ягонагии вазифаи  таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаи таҳсилот; ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим; мушкилот; пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ дар таълим нақши муҳим доранд.

Бояд қайд кард, ки автореферат дар ҳалли масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳқиқ ва таҳия гардида, хулосаҳои илмӣ ва далелҳои мушаххас рӯйи кор омадааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба тарбияи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдумуминзода С.

18 декабри соли 2023

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3
Тел:(+992) 907310391
Суроғаи почтаи электронӣ: abdumuminzoda91@mail.ru

Имзои Абдумуминзода Ситораро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо Бухориев Н.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ